ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Киромудинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Киромудинов Зиёрат Қиёмуддинович ба таҳқиқу таъини нақши Н.С.Тихонов дар рушди адабиёти тоҷик, аҳаммияти эҷодиёти ӯ дар ташаккули робитаҳои адабии халқҳои тоҷику рус ва арзиши бадеии тарҷумаҳои осори Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ дар қолаби диссертатсия бори аввал таҳқиқ шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи эҷодиёти Н.С. Тихонов, тарҷумаи осори ӯ ба забони тоҷикӣ ва ба ин восита баррасии масоили марбут ба равобити адабии тоҷику рус кори муҳим ва судманд мебошад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона буда, арзиши илмӣ ва адабии номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, вижагиҳои нома аз ҷониби ин эҷодкорони соҳибмактаб ва навъҳои нома: расмӣ, дӯстона ва саркушода, робитаи дӯстӣ ва эҷодии С. Айнӣ ва М. Турсунзода ва масъалаҳои дар номаҳо баёншуда баррасӣ шудаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба эҷодиёти Н.С. Тихонов, дар омӯзишу пажӯҳиши равобити адабии тоҷику рус метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохту баррасии осори тарҷумавӣ ва таъини арзиши ҳунарию бадеии он маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи

муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Киромудинов Зиёрат Қиёмуддинович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Киромудинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Киромудинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи

ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Холов Холмаҳмад Рачабович** – доктори илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти ҷаҳони Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;
- **Бариева Мавлуда Хилватёровна** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Филиали Донишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Кӯчарзода А.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ М. Нарзикул
доктори илми филология, профессор Низомӣ М.З.

«18» октябри соли 2022.